# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ТОҶИКИСТОН

# ДАСТУРАМАЛИ
## аз аттестатсия гузаронидани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ

**СОЛИ 2017**

Масъули чоп: М.Хокироев- – мудири шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муҳаррир: Ҷ.Иматшоев- сармутахассис- масъули кадр

Чопи компютерӣ: Зайнаббонуи Қувваталӣ – мутахассиси шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ

# ҚАРОРИ
# МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

---

**аз « 28 » 01 соли 2017 № 1/26 ш.Душанбе**

Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамали аз аттестатсия гузаронидани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамали аз аттестатсия гузаронидани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро баррасӣ намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД**

1.Дастурамали аз аттестатсия гузаронидани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Сардорони раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва директорони муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявидошта вазифадор карда шаванд:

2.1 Рафти омодагӣ ва баргузории аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатмро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ дар асоси Дастурамали мазкур ба роҳ монанд,

3. Ба Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро (Ш.Ёрмуҳаммадзода) супорида шавад:

3.1.Рафти омодагӣ ва баргузории аттестатсияи аз синф ба синф гузарониданро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор дода, аз натиҷаи корҳои анҷомдода ҳар сол ба мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи июл маълумотнома манзур созад,

3.2. Дастурамали мазкурро бо теъдоди зарурӣ нашр ва дастраси раёсати маориф Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, раёсат, шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои

тобеи ҷумҳурӣ ва директорони муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявидошта гардонад.

4.Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2015,№10/32 аз эътибор соқит дониста шавад.

5.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Л. Назирӣ гузошта шавад.

Раиси мушовара,
Вазир Нуриддин Саид

**Бо қарори мушовараи**
**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 28.01. 2017, №1/26**
**тасдиқ карда шудааст.**

## 1.Муқаррароти умумӣ

1.Дастурамали аз аттестатсия гузаронидани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Дастурамал) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст.

2.Дастурамали мазкур тартиби гузаронидани аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатмро дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба танзим медарорад.

## 2.Тартиби аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм

3.Анҷоми соли таҳсил ва тартиби гузаронидани аттестатсияи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда мешавад.

Дар фармоиш муҳлати гузаронидани аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидани хонандагони синфҳои 4–8, 10 (11) ва аттестатсияи хатми хонандагони синфҳои 9, 11 (12), тартиби ташкилу гузаронидани он, интихоби мавод ва номгӯи фанҳое, ки аз онҳо аттестатсия гузаронида мешавад, муқаррар мегардад.

4.Дар синфҳое, ки аттестатсия муқаррар карда нашудааст, хонандагон аз рӯйи натиҷаи баҳои мусбати солона аз синф ба синф гузаронида мешаванд.

5.Дар синфҳое, ки аттестатсия муқаррар карда шудааст, хонандагон аз рӯйи натиҷаи баҳои ҷамъбастӣ ба синфи дигар гузаронида мешаванд.

6.Баҳои ҷамъбастии хонандагон аз фанҳои аттестатсияшаванда дар асоси баҳои солона ва аттестатсияи ҳамон фан гузошта мешавад, ки он дар шакли формулаи зерин сурат мегирад:

$Б_ҷ = \frac{Бат+Бс}{2}$; Дар ин ҷо: Бҷ –баҳои ҷамъбастӣ, $Б_{с}$ -- баҳои солона, $Б_{ат}$ – баҳои аттестатсия.

Аз фанҳои аттестатсияшаванда баҳои ҷамъбастӣ аз баҳои аттестатсия баланд шуда наметавонад. Дар ҳолати аз аттестатсия баҳои

«ғайриқаноатбахш» гирифтани хонанда баҳои ҷамъбастии он «ғайриқаноатбахш» ҳисобида мешавад.

7.Ба аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм хонандагоне роҳ дода мешаванд, ки аз фанҳои аттестатсияшаванда баҳои мусбат дошта бошанд.

8.Агар аз як фан аттестатсияи хаттӣ ва аттестатсияи шифоҳӣ гузаронида шавад, як баҳои ҷамъбастӣ гузошта мешавад, ки он аз рӯйи формулаи зерин сурат мегирад:

$$Бҷ=\frac{Бс+Батх+Батш}{3}:$$

Дар ин ҷо: Бҷ-баҳои ҷамъбастӣ, $Б_с$ –баҳои солона, Батх–баҳои аттестатсияи хаттӣ, Батш–баҳои аттестатсияи шифоҳӣ

9. Хонандагони синфҳои 1-11 мувофиқи вазъи саломатӣ дар асоси хулосаи тиббӣ аз дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ озод мегарданд ва ин барои аз синф ба синф гузаронидан ва хатми муассисаи таълимӣ монеъ шуда наметавонад.

10.Хонандагоне, ки дар хориҷи кишвар таҳсил карда, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бармегарданд, дар асоси гузаронидани ташхиси баробарарзишии ҳуҷҷатҳои дар хориҷа таҳсил кардаашон, тибқи хулосаи комиссияи шуъбаи баробарарзишии ҳуҷҷатҳои Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф, барои идомаи таҳсил ва ё гузаштан аз аттестатсия иҷозат дода мешаванд. Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то 1 апрел муқаррар карда мешавад.

11.Хатмкунандагони синфи 9, ки бесабаб дар аттестатсия иштирок намекунанд, такроран дар синфашон мононда мешаванд. Дар ҳолати сабабҳои узрнок доштан дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда тибқи қарори Шӯрои педагогӣ дар мувофиқа бо раёсату шуъбаи маориф ба онҳо муҳлати иловагӣ барои супоридани аттестатсия дода мешавад ва ё ба аттестатсияи такрории тобистона мононда мешаванд.

12. Хонандагони синфҳои 2-3, ки аз 2 фанни таълимӣ баҳои солонаи «ғайриқаноатбахш» доранд, бо қарори Шӯрои педагогӣ такроран дар синфашон мононда мешаванд.

13. Хонандагони синфҳои 4-8, 9, 10 (11), ки аз 2 фанни таълимӣ баҳои солона ва ё ҷамъбастии «ғайриқаноатбахш» доранд, бо қарори Шӯрои педагогӣ ба аттестатсияи такрории тобистона мононда мешаванд.

Дар тобистон (моҳи август) бо ин хонандагон машғулиятҳои иловагии таълимии дуҳафтаина ташкил ва масъалаи гузаронидани онҳо ба синфи дигар аз натиҷаи аттестатсияи такрорӣ муайян мегардад.

14.Хонандагони синфи якум дар синфашон такроран мононда намешаванд.

Зинаи якуми таҳсилот бо супоридани аттестатияи аз синф ба синф гузаронидан ба анҷом мерасад.

15.Агар хонанда аз фанне, ки ба аттестатсия дохил карда шудааст, баҳои солонаи «ғайриқаноатбахш» дошта бошад, ба аттестатсияи ҳамон фан роҳ дода нашуда, ба аттестатсияи такрории тобистона мононда мешавад ва баъди супоридани аттестатсияи такрорӣ ба синфи дигар гузаронида мешавад (ба истисноӣ синфҳои 11(12)).

16.Аттестатсияи такрории хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар моҳи август бо қарори мушовараи раёсат ва Шӯрои шуъбаи маориф муқаррар ва гузаронида мешавад.

17.Оид ба натиҷаи аттестатсияи такрорӣ санади тасдиқкунанда тартиб дода шуда, он дар ҷузвдони аттестатсионии синф ва нусхааш дар варақаи шахсии хонанда нигоҳ дошта мешавад.

18.Хонандагони синфҳои 11(12), агар аз фанне, ки ба аттестатсия дохил карда шудааст, баҳои солонаи «ғайриқаноатбахш» дошта бошанд, ба аттестатсияи ҳамон фан роҳ дода намешаванд. Ҳамчунин, дар сурати аз аттестатсия баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтан ва ё доштани баҳои «ғайриқаноатбахш» аз ягон фанни таълимӣ ба онҳо дар бораи шунидани курси муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо нишон додани баҳои ҳамаи фанҳои таълимӣ маълумотнома (справка) дода мешавад.

19. Ба хонандагони синфҳои 11(12), ки аз ин ё он фанни таълимӣ баҳои солонаи «ғайриқаноатбахш» доранд ва ҳангоми супоридани аттестатсияи хатм низ баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтаанд, иҷозати таҳсили такрорӣ дар синфҳои 11 (12) дода намешавад.

Онҳо метавонанд дар муҳлати се сол (адои хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон ба ин муҳлат дохил намешавад) дар ҳамон муассисаи таълимие, ки таҳсил кардаанд, аз аттестатсия гузаранд. Пас аз сипарӣ шудани муҳлати муқарраргардида танҳо бо иҷозати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пешниҳоди аризаи шахсӣ, маълумотнома аз муассисаи таҳсилоти умумӣ, ҷамъбасти баҳои нимсолаи 1, 2 ва солона, бо қарори Шӯрои педагогӣ ва фармоиши директори муассисаи таълимӣ оид ба роҳ додан ба аттестатсияи хатм ба аттестатсия роҳ дода мешаванд.

20. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (ба истиснои хонандагони синфи як), ки 40 рӯз ва зиёда аз он пай дар пай ба дарсҳо бесабаб иштирок накардаанд, дар синфашон такроран мононда мешаванд.

21.Масъалаи аз синф ба синф гузаронидан ва ба аттестатсия роҳ додани хонандагонеро, ки то 80 рӯз бо сабаби беморӣ ба дарсҳо иштирок накардаанд, дар сурати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (хулосаи Комисияи машваратӣ-тиббӣ) Шӯрои педагогии муассисаи таълимӣ ҳал менамояд.

Дар сурати ба ҷойи дигар кӯчида рафтани хонанда ба ӯ ҳуқуқ дода мешавад, ки бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор бо роҳхати раёсат ва шуъбаи маорифи шаҳр (ноҳия) дар муассисаи таълимии ҷойи нави истиқоматиаш аз аттестатсия гузарад.

22.Дар аттестати хатми таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ рафтори хонанда “намунавӣ”, “қаноатбахш”, “ғайриқаноатбахш” сабт карда мешавад.

23.Дар қарори Шӯрои педагогӣ масъалаи аз синф ба синф гузаштан, ба аттестатсияи хатм роҳ додан, роҳ надодан, такроран дар синф ё ба аттестатсияи тобистона монондани хонанда ном ба ном ва дар китоби фармоишҳои муассисаи таълимӣ ин амал бо нишон додани теъдоди хонандагон бо адад қайд карда мешавад.

Қарори мазкур ба маълумоти хонанда ва падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар муддати 3 рӯз баъд аз қабул шуданаш расонида мешавад.

## 3. Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм

24.Дар синфҳои 4-8 аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан аз 2 фан, синфи 10 аз 3 фан, аттестатсияи хатм барои хонандагони синфи 9 аз 5 фан ва барои хонандагони синфи 11(12) аз 6 фанни таълимӣ муқаррар карда мешавад (номгӯйи фанҳо ва шакли гузаронидани онҳо ҳар сол метавонад тағйир ёбад).

25.Номгӯи фанҳо, тартиб, шакл ва мухлати гузаронидани аттестатсия, ки дар фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида мешавад.

26.Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидани хонандагони синфҳои 4-8, 10 (11) (ба истиснои саволномаҳои тестии синфи 10 (11) дар асоси маводи пешниҳодкардаи раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида мешавад.

27. Аттестатсияи хатми синфҳои 9, 11 (12) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, дар асоси маводи пешниҳодкардаи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

28.Аттестатсияи хатми синфҳои 11 (12)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, барои довталабони аттестати аълои унверсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра дар ҳудуди муассисаи таълимие, ки довталаб дар он таҳсил мекунад, гузаронида шуда, натиҷаи он барои ташхис ба раёсат ва шуъбаҳои маориф тибқи мухлатҳои муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, пешниҳод карда мешавад.

Муассисаҳои таълимии дорои мақоми ҷумҳуриявӣ натиҷаи аттестатсияи довталабони аттестати аълои унверсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқраро дар ҳудуди муассисаи таълимие, ки довталаб дар он таҳсил мекунад, гузаронида барои ташхис бевосита ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

29.Намунаи маводи аттестатсия барои хатмкунандагони синфҳои 9, 11(12) (корҳои хаттӣ, саволномаҳои шифоҳӣ ва тестӣ) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омодагӣ ба аттестатсия аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ таҳия гардида, дар асоси дархост то 1-уми апрел ба раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҷиҳати дастрас намудан ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фиристода мешаванд.

30.Нусхаҳои (вариантҳои) асосӣ ва захиравии корҳои хаттӣ, саволномаҳои шифоҳӣ ва тестӣ барои аттестатсияи хатми хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (аз ҷумла ба равияҳои таълимӣ), новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ таҳия гардида, то 7 май ба раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, литсейю гимназияҳо, мактабҳои Президентӣ, литсейҳо барои кӯдакони болаёқат, мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ ва муассисаҳои таълимии махсус фиристода мешаванд.

31.Саволҳои иловагӣ барои аттестатсияи шифоҳӣ аз тарафи омӯзгорони фаннӣ як моҳ пеш (то 7-уми май) тартиб дода шуда, пас аз баррасӣ дар Шӯрои методӣ, барои нигоҳдорӣ ба директори муассисаи таълимӣ супорида мешавад.

32.Хонандагоне, ки дар муассисаҳои таълимӣ дар шакли ғоибона таҳсил мекунанд, вале дар машғулиятҳо иштирок накардаанд ва аз ҳамаи фанҳои таълимӣ корҳои санҷиширо ба тариқи хаттӣ пешниҳод намудаанд, дар асоси натиҷаи баҳои корҳои хаттӣ аз аттестатсия мегузаранд.

33.Муассисаи таълимӣ фаннеро, кибо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аттестатсияи аз синф ба синф ва хатм ворид гардидааст, наметавонад, бо фанни дигар иваз намояд.

34.Аттестатсияи аз синф ба синф гузарониданро омӯзгор дар ҳузури ёваре, ки бо фармоиши директор таъйин шудааст, қабул мекунад.

35.Барои навиштани диктант 1 соат, корҳои хаттӣ (аз сикли фанҳои дақиқ) се соат вақт ҷудо карда мешавад. Аз фанҳое, ки аттестатсия ба тариқи тест гузаронида мешавад, талаботи “Тавзеҳот оид ба тариқи тест гузаронидани аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм” риоя карда мешавад.

36.Ба хатмкунандагони синфи 9 барои навиштани диктант 1 соат, нақли хаттӣ 3 соат, кори хаттӣ аз фанни алгебра 3 соат ва барои иҷрои саволҳои тест вобаста ба миқдори савол (барои як савол аз фанҳои гуманитарӣ аз 1,5 то 2 дақиқа ва барои фанҳои табиӣ-риёзӣ аз 3 то 5 дақиқа) вақт ҷудо карда мешавад.

37.Дар синфҳои 10 барои навиштани диктант 1 соат, иншо 4 соат, кори хаттӣ аз фанни алгебра 3 соат ва иҷрои саволҳои тест вобаста ба миқдори

савол (барои як савол аз фанҳои гуманитарӣ аз 1,5 то 2 дақиқа ва барои фанҳои табиӣ-риёзӣ аз 3 то 5 дақиқа) вақт ҷудо карда мешавад.

38.Ба хатмкунандагони синфи 11 (12) барои навиштани диктант 1 соат, иншо аз фанни адабиёт 6 соат, кори хаттӣ аз фанни алгебра 5 соат ва барои иҷрои саволҳои тест вобаста ба миқдори савол (барои як савол аз фанҳои гуманитарӣ аз 1,5 то 2 дақиқа ва барои фанҳои табиӣ-риёзӣ аз 3 то 5 дақиқа) вақт ҷудо карда мешавад.

**39.Комиссияи аттестатсияи хатм дар синфҳои 9 дар ҳайати раис, омӯзгори аттестатсиягиранда, ёвар ва дар синфҳои 11(12) раис, омӯзгори аттестатсиягиранда ва 2 нафар ёвар муқаррар карда мешавад.**

40.Раиси комиссия (директор, муовини директор оид ба таълиму тарбия ё омӯзгоре, ки бо пешниҳоди директор таъйин гардидааст) ва аъзои комиссияи аттестатсионӣ аз ҳисоби омӯзгорони дорои таҳсилоти олӣ тасдиқ карда мешаванд.

41.Дар ҳолатҳои зарурӣ ба ҳайати комиссия дар мувофиқа бо раёсат ва шуъбаи маориф ворид намудани омӯзгороне, ки таҳсилоти олии нопурра ва миёнаи касбӣ доранд, иҷозат дода мешавад.

42.Ҳайати комиссияи аттестатсиониро барои синфҳои хатмкунандаи 9, 11 (12) дар асоси пешниҳоди муассисаи таълимӣ раёсат ва шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимие, ки мақоми ҷумҳуриявӣ доранд, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ду ҳафта пеш аз сар шудани аттестатсия тасдиқ мекунад. Дар вақти зарурӣ директори муассисаи таълимӣ метавонад, дар мувофиқа бо раёсат ва шуъбаи маориф, раиси комиссияи аттестатсионӣ ва ё ёваронро аз ҳисоби мутахассисони шуъбаи маориф ва дигар муассисаи таълимӣ таъйин намояд.

43.Директор, муовинони директор ва омӯзгор аз фанне, ки дар ҳамон синф дарс медиҳанд, раиси комиссияи аттестатсионӣ шуда наметавонанд.

44.Барои кӯдакони бемор ва дорои имкониятҳои маҳдуд, ки дар хона таълим мегиранд, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм тибқи муқаррароти мавҷуда вобаста ба намуди беморӣ ва дараҷаи дарсазхудкунии онҳо дар мувофиқа бо раёсат ва шуъбаҳои маориф гузаронида мешавад. Дар сурати аз аттестатсия гузаштан онҳо ба синфи дигар гузаронида мешаванд ва ё вобаста ба зинаи таҳсилот соҳиби аттестати намунаи давлатии хатм мегарданд.

45.Раёсати маорифи ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таълимиро бо маводи аттестатсионӣ таъмин намуда, ҷадвали аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатмро як моҳ пеш аз саршавии аттестатсия тасдиқ менамоянд.

46.Аттестатсияи хатм аз рӯйи ҷадвали тартибдодаи директори муассисаи таълимӣ, ки аз тарафи раёсат ва ё шуъбаи маориф тасдиқ гардидааст, гузаронида мешавад. Ҷадвали аттестатсия барои шинос

шудани омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) ду ҳафта пеш аз сар шудани аттестатсия овехта мешавад.

47.Дар вақти таҳияи ҷадвал ҳолатҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

-дар як рӯз на зиёда аз як аттестатсия дар як синф гузаронида мешавад;

- агар аз як фан ду аттестатсия бошад, аввал аттестатсияи хаттӣ, баъд шифоҳӣ ва ё тестӣ гузаронида мешавад;

- дар сурати мавҷуд будани зиёда аз се синфи мувозӣ (параллелӣ) дар ду вақт аттестатсияи шифоҳӣ гузаронида мешавад.

48.Маводи аттестатсия аз тарафи раиси комиссияи аттестатсионӣ як соат пеш (ба истиснои иншо) аз сар шудани аттестатсия кушода шуда, оид ба рӯзу соати кушода шудан ва мавҷудияти маводи аттестатсионӣ санад тартиб дода мешавад.

Лифофаҳое, ки дар он мавзӯъҳои иншо аз фанни адабиёт ҷой дода шудааст (иборат аз се вариант ва ҳар вариант дорои шаш мавзӯъ), дар ҳузури аъзои комиссия ва хонандагон бевосита пеш аз саршавии аттестатсия кушода шуда, яке аз вариантҳо интихоб карда мешавад. Мавзӯъҳои варианти интихобшуда дар тахтаи синф навишта шуда, хонанда тибқи салоҳдиди худ яке аз ин мавзӯъҳоро интихоб менамояд.

49.Ҳангоми аттестатсия ба хатмкунандагони синфҳои 11 (12) имкон дода мешавад, ки дар навиштани иншо бо иҷозати аъзои комиссия аз асарҳои бадеӣ ва дар аттестатсияи фанҳои дигар аз харита, ҷадвал, нақша ва асбобҳои лабораторӣ, ки дар синф муҳайё карда шудааст, истифода баранд.

50.Ба хатмкунандагон ҷиҳати иҷрои корҳои хаттӣ ва ҷавоб ба саволномаҳои тест варақаи намунаи муқарраргардида, ки дар он штампи муассисаи таълимӣ гузошта шудааст, дода мешавад.

Бо худ овардани дафтар, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ иҷозат дода намешавад.

51.Хонандагон кори хаттии иҷрокардаро якҷоя бо сиёҳнавис ба комиссияи аттестатсионӣ месупоранд. Хонандагоне, ки дар вақти муқарраргардида аз уҳдаи иҷрои супориш набаромадаанд, онро дар ҳолати нотамом месупоранд.

52.Корҳои хаттии аттестатсионӣ дар дасти директори муассисаи таълимӣ нигоҳ дошта шуда, дар ҳузури раис ва дигар аъзои комиссияи аттестатсионӣ санҷида мешаванд.

53.Дар вақти санҷиши корҳои хаттӣ дар зери ғалатҳо хат кашида мешавад. Миқдори ғалатҳои услубӣ, китобатӣ, имлоӣ ва мазмуни кор алоҳида нишон дода мешаванд.

Ба корҳои хаттие, ки баҳои 5/5 ва 2/2 гузошта шудааст, тақриз навишта мешавад. Раис ва аъзои комиссия баҳои гузоштаро бо имзои худ тасдиқ мекунанд.

54.Агар санҷиши корҳои хаттӣ ва тестӣ дар давоми рӯз ба анҷом нарасад, онҳо барои нигоҳ доштан ба директори муассисаи таълимӣ супорида мешаванд. Маводи аттестатсионӣ дар ҳуҷраи алоҳида нигоҳ дошта шуда, дари ҳуҷра дар ҳузури комиссияи аттестатсионӣ муҳр карда мешавад.

55.Дар вақти аттестатсияи шифоҳии аз синф ба синф гузаронидан ва хатм, агар дар синф зиёда аз 20 нафар хонанда бошад, ба гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд ва ин гурӯҳҳо дар соати муайяншуда паси ҳам аз аттестатсия мегузаранд.

Ба ҳар як гурӯҳ маҷмӯи пурраи саволномаҳои шифоҳӣ ва ба ҳар як саволнома иловаҳо дода мешавад. Саволномаҳои иловагиро, ки хонандагони як синф аз рӯйи он аз аттестатсия гузаштаанд, дар синфи дигар такроран истифода бурдан мумкин нест. Барои ба саволҳо ҷавоб додан ба ҳар як хонанда аз 10 то 15 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад.

56.Агар хонанда ба саволҳои саволномаи якум ҷавоб дода натавонад, комиссия барои гирифтани саволномаи дуюм иҷозат медиҳад, вале дар ин ҳолат баҳояш як хол паст карда мешавад.

57.**Аъзои комиссия** ҷавоби хонандаро аз рӯйи саволнома шунида, метавонад, барои тасаввуроти аниқ пайдо намудан нисбати дониши хонанда ба вай дар доираи маводе, ки дар саволнома нишон дода шудааст, саволҳои иловагӣ диҳад. Агар хонанда ба саволҳои дар саволномабуда ҷавоби хуб надиҳад, аъзои комиссия берун аз саволнома саволҳои иловагӣ медиҳад. Агар аъзои комиссия ба дониши пурраи хонанда боварӣ ҳосил карда бошад, метавонад ҷавоби ӯро то охир гӯш накунад.

58.Аттестатсияро омӯзгори аттестатсиягиранда дар ҳузури раис ва ҳайати комиссия мегузаронад. Дар вақти гузаронидани аттестатсия раис, омӯзгори аттестатсиягиранда ва аъзои комиссия метавонанд, танаффус кунанд. Вақти танаффусро раис муқаррар мекунад. Дар вақти набудани раис ӯро яке аз аъзои комиссия бо пешниҳоди раиси комиссия иваз мекунад.

59.Баъди анҷоми ҳар аттестатсия комиссия ба ҷавобҳои хонандагон баҳо мегузорад ва баҳои гирифтаи хонандагон дар протокол сабт гардида, аз тарафи аъзоёни комиссия имзо гузошта мешавад.

60.Агар дар мавриди баҳо додан ба корҳои хаттӣ ва ҷавобҳои шифоҳии хонанда дар байни аъзои комиссия ихтилоф ба вуҷуд ояд, масъалаи баҳогузорӣ бо овози аксарият ҳал шуда, фикри аъзои комиссия, ки бо аксарият розӣ нест, дар протокол навишта мешавад.

Агар раиси комиссия бо фикри аксарияти аъзои комиссия розӣ набошад, он гоҳ масъалаи баҳогузориро мақомоти идоракунии маориф, ки муассисаи таълимӣ дар итоати вай аст, ҳал мекунад.

61.Ба нақли хаттӣ (дар синфи 9), иншои хонандагони синфи 10 ва хатмкунандагони синфҳои 11 (12) ду баҳо: баҳои якум барои мазмун ва баҳои дуюм барои саводнокӣ (риояи қоидаҳои имло) гузошта мешавад, ки ҳар ду баҳои як фан ҳисобида мешаванд.

Агар яке аз ин баҳо «ғайриқаноатбахш» бошад, ба чунин хонанда баҳои ҷамъбастии мусбат гузошта намешавад.

62.Агар аз як фан аттестатсияи хаттӣ ва шифоҳӣ гузаронида шавад, он гоҳ баҳои ҷамъбастӣ баъди супоридани ҳар ду аттестатсия дар протоколи дуюми ҳамон фан гузошта мешавад

63.Натиҷаи ҳар аттестатсия то саршавии аттестатсияи навбатӣ эълон карда мешавад.

## 4. Бо сабаби беморӣ аз аттестатсия озод кардани хонандагон

64.Бо сабаби бад будани вазъи саломатӣ хонанда аз рӯйи номгӯи бемориҳои замимагардида аз супоридани аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм озод карда мешавад (**Замимаи 2)**.

Хонандагони синфҳои 4-8 ва 10 (11) аз супоридани аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан бо фармоиши директори муассисаи таълимӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин:

- маълумотномаи комиссияи тиббӣ-назоратӣ (ВКК), муассисаҳои муолиҷавӣ-профилактикӣ, ки ба муассисаи таълимии мазкур хизмат мекунанд ва бо иштироки духтури муассисаи таълимӣ (дар деҳаҳо-педиатори ноҳиявӣ) тартиб дода шудааст.

Эзоҳ: Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ғоибона бо пешниҳод кардани маълумотномаи комиссияи тиббӣ-назоратии муассисаҳои табобатӣ, муолиҷавӣ-профилактикии ҷойи истиқомат ва дар асоси маълумотномаи дармонгоҳи махсусгардонидашуда ё корхонае, ки дар он ғоибхон кор мекунад ва нусхаи қарори Шӯрои педагогӣ, ки бо муҳри муассисаи таълимӣ тасдиқ карда шудааст, озод карда мешаванд.

65.Хатмкунандагони синфҳои 9 ва 11 (12) аз супоридани аттестатсияи хатм бо фармоиши сардори раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ озод карда мешаванд.

Бо ин мақсад дар назди раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ комиссияи ташхисӣ таъсис дода мешавад.

Муассисаи таълимӣ ба комиссия ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунад:

-нусхаи қарори Шӯрои педагогӣ ва тавсифномае, ки муассисаи таълимӣ ба хонанда додааст;

- хулосаи комиссияи тиббӣ-назоратӣ (ВКК);

-ведомости баҳоҳои солона аз ҳамаи фанҳо;

-гувоҳнома дар бораи баҳои дар аттестатсияи хаттӣ ва шифоҳӣ гирифтаи хонандагон (ҳангоме, ки баъзе аттестатсияҳоро супоридаанду баъд бемор шудаанд);

66.Дархост ва дигар ҳуҷҷатҳои номбурда бо имзои директор ва муҳри муассисаи таълимӣ тасдиқ ва пешниҳод карда мешаванд.

67.Ба хонандагоне, ки дар вақти аз аттестатсия гузаштан бемор шуда, то ба охир расидани аттестатсия шифо ёфтаанд, иҷозат дода мешавад, ки

аттестатсияи боқимонда ва насупоридаашонро дар муддати на зиёдтар аз ду ҳафта баъди аттестатсия аз рӯйи маводи иловагӣ супоранд.

## 5. Аттестасияи такрории тобистонаи хонандагон

68.Супоришҳои таълимии тобистона ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (ба истиснои хатмкунандагони синфи 11(12)-ум ) дар тобистон аз ҳамон фанне, ки ба хонанда баҳои «ғайриқаноатбахш»-и солона гузошта шудааст ва ё аз фанне, ки аттестатсияро насупоридааст, дода мешавад.

Сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ хонандагонро бо маводи аттестатсияи такрорӣ (захиравӣ), ки дар моҳи август баъд аз таҳсили 2 ҳафтаина гузаронида мешавад, таъмин менамоянд.

69. Ҷадвали машғулиятҳои тобистона то 25 июни ҳар сол таҳия ва эълон карда мешавад.

70.Дар ҳолатҳои зарурӣ (иваз шудани ҷойи истиқомат, ба омӯзишгоҳҳо дохил гардидан ва ғайра) бо хоҳиши падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва иҷозати раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ба муассисаҳои таълимӣ ҳукуқ дода мешавад, ки аттестатсияи такрориро пеш аз муҳлати нишондодашуда ташкил намоянд.

71.Аттестатсияи такрорӣ дар синфҳои 9 дар асоси маводи захиравии пешниҳоднамудаи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлатҳои муқарраршуда гузаронида мешавад.

Ҷадвали аттестатсияи такрорӣ дар муассисаҳои таълимӣ тартиб дода мешавад. Падару модари (ё шахсони онҳоро ивазкунанда) хонандагон бо ҷадвали аттестатсияи такрорӣ шинос карда мешаванд.

## 6. Ба расмият даровардан ва супоридани ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ

72.Мувофиқи қарори Шӯрои педагогии муассисаи таълимӣ ба хонандагоне, ки синфи 9-ро хатм кардаанд, аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ ва ба хонандагоне, ки синфи 11-ро хатм кардаанд, аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ дода мешавад.

73.Хатмкунандагон аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ ва аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти миёнаи умумиро аз ҳамон муассисаи таълимие мегиранд, ки синфи 9 ё синфи 11-ро хатм кардаанд.

74. Ба хатмкунандагоне, ки муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ (синфҳои 1-9)-ро бо баҳои «5» (аъло) хатм кардаанд, аттестати аъло дода мешавад.

75. Ба хонандагони ҳама намудҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ки синфи 9-ро бо аттестати аъло хатм кардаанд ва ҳангоми таҳсил дар синфҳои 10, 11 (12) бо баҳои "5" (аъло) таҳсил намуда, аттестатсияи хатмро бо баҳои "5" (аъло) супорида, рафтори «намунавӣ» доранд, ба медали тилло ва аттестат дар бораи хатми таҳсилоти миёнаи умумӣ (аз рӯйи гирифтани равияҳо) тибқи Тартиби бо аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра мукофотонидани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд.

76.Агар хатмкунандаи синфи 9, 11 (12) дар муассисаҳои табобатӣ, беморхона ва санатория, ки дар он ҷо машғулиятҳои таълимӣ ташкил карда шудааст, таҳсил карда бошад, аттестатро аз ҳамон муассисаи таълимие, ки қаблан дар он ҷо таҳсил мекард, мегирад. Дар ин маврид баҳои дар муассисаҳои табобатӣ гирифтааш ба назар гирифта мешавад.

77.Дар аттестат (шаҳодатнома)-и хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз рӯйи равияҳо таҳсил намудаанд, равияи интихобшуда нишон дода мешавад.

78.Ба хатмкунандагони гурӯҳи шуъбаҳои таҳсилоти ғоибона аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси протоколҳои комиссияи аттестатсионӣ ва ведомости баҳоҳои солона, ҷамъбастии фанҳо аз тарафи муассисаи таълимие, ки дар назди он шуъбаҳои ғоибона кушода шудааст, дода мешавад.

79.Аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ ва дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ тибқи фармоиши директори муассисаи таълимӣ аз тарафи шахсони масъул, ки бо фармоиш таъйин мешаванд, бо хати зебо ва бо ранги (туши) сиёҳ пур карда мешавад.

80.Ба аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ директор, муовини директор оид ба корҳои таълиму тарбия, роҳбари синф ва ду нафар омӯзгор, дар аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ директор, муовини директор оид ба корҳои таълиму тарбия, роҳбари синф ва се нафар омӯзгори дарсдиҳанда бо нишон додани насаб ва ҳарфи аввали ном имзо мегузоранд ва бо муҳри муассисаи таҳсилоти умумӣ расмӣ гардонида мешавад.

Нақши муҳри муассисаи таълимӣ, ки дар ҳуҷҷатҳо гузошта мешавад, бояд равшан ва хоно бошад.

81.Ному насаб, моҳ ва соли таваллуди хатмкунанда пурра дар асоси шиноснома ва барои хатмкунандагони синфҳои 9-ум, ки ҳоло шиноснома надоранд, мувофиқи шаҳодатнома дар бораи таваллуд навишта мешавад. Ба хат задан, ислоҳ кардан ва холӣ гузоштани сатр дар шаҳодатнома иҷозат дода намешавад.

Аттестат (шаҳодатнома) дар бораи хатми таҳсилоти умумии асосӣ ва аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ пур карда мешавад.

82. Баҳо дар аттестат оид ба ҳар як фанни таълимӣ бо рақам гузошта шуда, дар қавс бо калимаҳои 5 (аъло), 4 (хуб), 3 (миёна) қайд карда мешавад.

83.Дар аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ ва аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии хонандагоне, ки бо сабаби беморӣ аз дарсҳои технология (таълими меҳнат) ва тарбияи ҷисмонӣ озод карда шудаанд «озод» навишта мешавад.

84. Ба хонандагоне, ки аз аттестатсия озод карда шудаанд, баҳои аттестат дар асоси баҳоҳои солона гузошта мешавад.

85.Дар аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ баҳои ҷамъбастӣ ва солонаи ҳамаи фанҳои таълимие, ки дар асоси нақшаи таълимӣ дар синфҳои 5-9 таълим дода мешаванд, гузошта мешавад.

86.Дар аттестат (шаҳодатнома) дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар баробари баҳои ҷамъбастӣ ва солонаи фанҳое, ки дар нақшаи таълимӣ дар синфҳои 10-11(12) таълим дода мешаванд, баҳои ҷамъбастӣ ва солона аз фанҳои нақшакашӣ, санъати тасвирӣ, суруд ва мусиқӣ, алифбо ва матни ниёгон, ки дар зинаи дуюми таҳсилот (5-9) ба хонанда гузошта шудааст, сабт карда мешавад.

87.Аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ дар дафтари баҳисобгирӣ ва додани бланкаҳои аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ, дафтари баҳисобгирӣ ва додани бланкаҳои аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии муассисаи таълимӣ қайд гардида, санаи супоридани он сабт мешавад. Аттестати аъло дар дафтари баҳисобгирӣ ва додани бланкаҳои аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ (аъло) ба қайд гирифта мешавад.

88. Ба хонандагоне, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро хатм кардаанд, баробари аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ мувофиқи дархосташон тавсифнома низ дода мешавад. Дар тавсифнома директори муассиссаи таълимӣ ва роҳбари синф имзо гузошта, он бо муҳри муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешавад.

89.Ба хатмкунандагоне, ки таҳсилоти иловагӣ мегиранд, сертификат дода мешавад.

**Замимаи 1**

**Тавзеҳот**
**дар бораи ба тариқи тест гузаронидани аттестатсияи**
**аз синф ба синф гузаронидан ва хатм**

Ба тарзи тест гузаронидани аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо мақсади ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтар кардани усулҳои таълим, муайян намудани дараҷаи дониш ва пешрафти хонандагон, баланд бардоштани масъулияти омӯзгорон ва ошкор намудани камбудию норасоиҳо дар ҷараёни таълим бо назардошти ворид гардидан ба фазои ягонаи таҳсилот ва навсозии мазмуни таҳсилот ҷорӣ карда шуда, ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ва омодагии онҳо барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мусоидат менамояд.

Ба тарзи тестӣ гузаронидани аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм яке аз шаклҳои озмудашудаи аттестатсия ба ҳисоб рафта, дар низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ роиҷ мебошад, ки он бартарӣ ва афзалияти худро аз дигар шаклҳои аттестатсия ба хубӣ собит намудааст.

